# ХУЛОСАИ

**комисссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллӣ Тоҷикистон ба диссертатсияи Солеҳзода Давлатбек Урок дар мавзуи «Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ.**

1. Дар шароити муосири рушди давлатдории миллӣ ва таҳкими асосҳои давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъмини адолати судӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин мубориэаи самаранок бар зидди ҷинояткорӣ аҳамияти махсус пайдо кардааст. Яке аз самтҳои муҳими татбиқи ин вазифаҳо такмили низоми мурофиаи ҷиноятӣ ва истифодаи воситаҳои муосири исбот дар раванди баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина экспертизаи судӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳим ва самараноки исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ нақши муҳим мебозад.

Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ воситаи муҳими муайян намудани ҳолатҳои воқеии парванда ба шумор меравад, ки тавассути истифодаи донишҳои махсус дар соҳаҳои гуногуни илм, техника, тиб, иқтисод ва дигар соҳаҳо амалӣ карда мешавад. Бо ёрии экспертизаи судӣ имкон фароҳам мегардад, ки ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳамияти муҳимдошта дақиқ муайян карда шаванд, далелҳо таҳлил ва санҷида шаванд ва ҳақиқати воқеии парванда ошкор гардад. Аз ин лиҳоз, экспертизаи судӣ яке аз воситаҳои асосии таъмини принсипҳои қонуният, адолат ва объективият дар мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад.

Дар шароити муосир бо рушди босуръати илму техника, татбиқи дастовардҳои навтарини илмӣ дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ низ аҳамияти бештар пайдо мекунад. Имрӯз дар раванди тафтиш ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ намудҳои гуногуни экспертизаи судӣ, аз қабили экспертизаи криминалистӣ, тиббӣ-судӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва дигар намудҳо васеъ истифода бурда мешаванд. Истифодаи дурусти ин воситаҳо ба ошкор намудани ҷиноятҳо, муайян намудани гунаҳкорон ва таъмини адолати судӣ мусоидат менамояд.

Бо вуҷуди аҳамияти калони экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, дар амалияи фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ва судӣ як қатор мушкилоти назариявӣ ва амалӣ вобаста ба таъин, гузаронидан ва арзёбии хулосаи экспертизаи судӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, баъзан масъалаҳои вобаста ба асосҳои ҳуқуқии таъини экспертиза, тартиби интихоб ва ҷалби эксперт, муайян намудани доираи саволҳо барои экспертиза, инчунин арзёбии хулосаи эксперт дар раванди исбот мушкилоти муайянро ба вуҷуд меоранд. Ин ҳолат метавонад ба самаранокии истифодаи экспертизаи судӣ ва ба сифати баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ таъсири манфӣ расонад.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти аҳамияти назариявӣ ва амалии масъалаҳои вобаста ба экспертизаи судӣ, инчунин мавҷудияти як қатор мушкилот дар амалияи татбиқи қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаҳои экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии

Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим дорад. Омӯзиши амиқи ин масъала имкон медиҳад, ки нақш ва ҷойгоҳи экспертизаи судӣ дар раванди исбот дақиқ муайян карда шуда, пешниҳодҳои илмӣ барои такмили қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи он таҳия карда шаванд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, мавзӯи «Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» яке аз масъалаҳои муҳими илмии соҳаи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, таҳқиқи он барои рушди назарияи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, такмили қонунгузории амалкунанда ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо аҳамияти муҳим дорад.. Диссертатсия ва автореферати пешниҳодшуда ҷиҳати дифоъ дар Шурои диссертстсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

2. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мувофиқат мекунад. Навгонии илмии тадқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи меъёрҳои қонунгузории мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ва судӣ, инчунин омӯзиши дастовардҳои илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ масъалаҳои назариявӣ ва амалии экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ба таври мукаммал мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Дар раванди тадқиқот мавқеъ ва нақши экспертизаи судӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ муайян гардида, хусусиятҳои ҳуқуқии таъин, гузаронидан ва арзёбии хулосаи экспертизаи судӣ дар шароити муосири рушди низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шудаанд.

Навгонии илмии кор, пеш аз ҳама, дар таҳияи асосҳои назариявии истифодаи донишҳои махсус дар мурофиаи ҷиноятӣ ва муайян намудани ҷойгоҳу аҳамияти экспертизаи судӣ дар раванди исбот зоҳир мегардад. Дар доираи тадқиқот мафҳум ва моҳияти ҳуқуқии экспертизаи судӣ аз нуқтаи назари илмӣ таҳлил гардида, таърифи мукаммали илмии он пешниҳод карда шудааст. Ҳамчунин аломатҳои асосӣ ва хусусиятҳои фарқкунандаи экспертизаи судӣ аз дигар шаклҳои истифодаи донишҳои махсус дар мурофиаи ҷиноятӣ муайян карда шудаанд.

Навгонии илмии тадқиқот ҳамчунин дар таҳлили масъалаҳои марбут ба арзёбии хулосаи экспертизаи судӣ дар раванди исбот ифода меёбад. Дар асоси таҳлили назария ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ нақш ва аҳамияти хулосаи эксперт ҳамчун манбаи далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ муайян карда шуда, меъёрҳо ва принсипҳои асосии арзёбии он аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ ва суд пешниҳод шудаанд.

3. Диссертант зимни омӯзиши мавзуъ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои таҳризшавандаи Комиссияи олии аттетстаисонии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки мазмуну муҳтавои таҳқиқотро инъикос мекунанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

4. Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Солеҳзода Давлатбек Уроқ истифодаи мавод бидуни ишора ба муллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истофодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттетстсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2024, №493)» таҳия гардидааст.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва хаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлилҳо, озмоишҳо, дурустии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва мақолаҳо собит карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

6. Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Солеҳзода Давлатбек Уроқ дар мавзуи «Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии ҷумҳурии тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Солеҳзода Давлатбек Уроқ дар мавзуи «Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии ҷумҳурии тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Солеҳзода Давлатбек Уроқ дар мавзуи

«Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи милли Тоҷикистон бо тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мувофиқ мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Раҳматҷонзода Рифат Раҳматҷон** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини сардори академяи Вазорати корҳои Дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

- **Ҳамроев Шуҳрат Садирович** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар, муассисаи таълимии таҳсилоти олии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (шаҳри Хуҷанд).

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — **Шарипов Т.Ш.**

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — **Мирзамонзода Х.М.**

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ
ва назорати прокурории факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ — **Шерализода М.Ш.**

Имзоҳои Шарипов Т.Ш., Мирзамонзода Х.М., ва Шерализода М.Ш. - ро
ТАСДИҚ МЕКУНАМ:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ — **Шодихонзода Э.Ш.**

«28» марти **2026 с.**